АХБОРИ АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ ИЛМҲОИ ҶАМЪИЯТШИНОСӢ №3, 2015

ИЗВЕСТИЯ АКАДЕМИИ НАУК РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН
ОТДЕЛЕНИЕ ОБЩЕСТВЕННЫХ НАУК №3, 2015

## ИҚТИСОДИЁТ ВА ГЕОГРАФИЯ

УДК: Тадж.- 338.21.01

**АБРОРОВ Ҳ.[1], АҲМАДОВ А.Ш.**

# ЗАМИНА ВА ДУРНАМОИ РУШДИ РЕКРЕАТСИЯ ВА ТУРИЗМ ДАР МИНТАҚАИ КӮЛОБ

Дар мақола заминаҳои боэътимоди табиӣ ва таърихӣ, аз қабили мавҷудияти шароити хуби табиию иқлимӣ, мамнуъгоҳҳо ва парваришгоҳҳо, осори бойи таърихию фарҳангӣ ва ғайраҳо, ҷиҳати ташаккул ва рушди соҳаи рекреатсия ва туризм дар музофоти Кӯлоб таҳлил гаштаст. Нокифоя будани фаъолияти ин соҳаҳо ҷиҳати ҷавобгӯ набудан ба талаботи имрӯзаи замони иқтисоди бозоргонӣ муайян гашта, роҳҳо ва имконоти рушди минбаъдаи ин соҳаҳо барасӣ гардидааст.

**Калидвожаҳо:** рекреатсия, туризм, обҳои шифобахш, гилҳои давоӣ, мамнӯъгоҳ, парваришгоҳ, ёдгориҳои табиию таърихӣ, инфрасохтор, санатория.

Музофоти географии Кӯлоб дар қисми шарқии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеъ гардида, ноҳияҳои маъмурии Балҷувон, Восеъ, Данғара, Кӯлоб, Мӯъминобод, Фархор, Ховалинг, Ҳамадонӣ, Темурмалик, Шӯрообод - хоса собиқ вилояти Кӯлобро дар бар мегирад, 11, 5 ҳазор километри мураббаъ масоҳат (9%-и умумии масоҳати мамлакат) ва беш аз 1086 (с. 2014) ҳазор нафар аҳолӣ дорад.

Ин музофот аз ҷиҳати табиат басо гуногун, аз ҳамвориҳо, адирҳо, теппакӯҳҳо ва силсилакӯҳҳои баландиашон миёна иборат буда, аз як қатор сарватҳои зеризаминӣ ғанист. Боришот асосан зимистону баҳор, дар ҳамвориҳои қисми ҷануб 300 мм, дар доманакӯҳҳо 800 мм, вале дар кӯҳҳо то 1200 мм мешавад, дар доманакӯҳҳо ва кӯҳҳо барои сабзиши набототи табиӣ ва лалмӣ мусоид мебошад. Вале аз ҳамвориҳои қисми ҷанубии музофот бе обёрии сунъӣ ҳосили фаровон гирифтан имконнопазир аст.

Дар ин музофот набототи алафӣ, буттагӣ ва дарахтӣ нисбат ба води Вахш фаровон буда, дар маҳалҳои алоҳидаи кӯҳӣ хосияти бикри табиии худро нигоҳ доштаанд. Олами ҳайвоноти ин ҷо низ гуногунанд, якчанд намуди онҳо нодир ва танҳо дар ҳамин музофот дучор мешаванд. Гуногунӣ ва нодирии табиати ба худ хоси ин музофотро ба инобат гирифта, бахри нигоҳдошт ва аз харобшавии минбаъда эмин доштани онҳо мамнӯъгоҳ, парваришгоҳ ва боғи табиӣ ташкил карда шудааст. Манзараҳои табиӣ ва инсонсириштии ин музофот қимати баланди рекреатсионӣ ва туристӣ доранд. Аз ин тафсилот бармеояд, ки музофоти Кӯлоб замина ва шароити хуби мавзеъҳои истироҳату табобат, сайёҳату кӯҳнавардӣ, пешгирии бемориҳо ва таҷдиди саломатиро чӣ дар доираи музофот ва чӣ дар доираи ҷумҳурӣ ва байналмилалӣ соҳиб мебошад. Барои ноил шудан ба ин матлаб шароиту имкониятҳои нодири табиию иқлимӣ; кӯҳҳои нисбатан баланд, водиҳои зебоманзар; обҳои баландҳарорату маъданӣ, чашмаҳои обашон зулолу мусаффо; кӯлҳои лойқаашон шифобахш; обанборҳо; марғзору бешаҳои кӯҳӣ; рӯдҳои пуртуғён,

---

[1] **Адрес для корреспонденции: Аброров Хусен** – ст. науч. сотр. Института водных проблем, гидроэнергетики и экологии АН Республики Таджикистан. 734002, Республики Таджикистан, г.Душанбе, ул. Парвин 12, Тел: (+992) 934053061, E-Mail: owp@tojikiston.com
**Ахмадов Ахсанджон Шафиевич** – ст. науч. сотр. Института водных проблем, гидроэнергетики и экологии АН Республики Таджикистан. 734002, Республики Таджикистан, г.Душанбе, ул. Парвин 12, Тел: (+992) 935839535, E-Mail: ahsanjon76@mail.ru

мамнўъгоҳу парваришгоҳҳо, дараву тангноҳо, инчунин ёдгориҳои таърихию меъморӣ ва ёдгориҳои беназири табиӣ мусоидат менамоянд. Ин ҷо боигариҳо басо ғаниانд, ба шарте, ки онҳоро оқилона истифода намоем, он гоҳ имконият пайдо мешавад, ки ба рушди хоҷагии курорту осоишгоҳ ва сайёҳӣ ноил гардем.

Пас, саволе ба миён меояд, ки рушди ояндаи рекреатсия ва сайёҳиро чӣ тавр тасаввур кардан мумкин аст, чигуна захираю шароитҳои истифоданашуда дар ин соҳа ҷой дорад, кадом омилҳо садди роҳи рушди минбаъда мегарданд ва онҳоро чӣ тавр бартараф кардан мумкин аст? Рушди рекреатсия ва сайёҳӣ ба пешрафту такомули иқтисодиёту иҷтимоиёт то чӣ андоза таъсири мусбат расонида метавонанд?

Сарфи назар аз он, ки ин ҷо табиат шароити нотакрори табобат, фароғат ва сайёҳатро фароҳам овардааст, вале ҳамагӣ 2-3 осоишгоҳу фароғатгоҳи номукаммал мавҷуданд, ки ба талаботи рўзмарра ҷавобгў нестанд, аз ин сабаб марказҳои сайёҳӣ нокифоя рушд ёфта, ин музофот аз як манбаи муҳимми даромад ва ба кор таъмин намудани аҳолӣ дар канор мондааст.

Барои рушд ва тадриҷан васеъ гаштани хизмати таиноти осоишию курортӣ обҳои маъданию лойқаҳои шифобахш, мавҷудияти кўли Ғўзачоқи дорои зуллукҳои (шуллукҳои) тиббӣ, ғорҳои намаки гумбазҳои Хоҷамўъмину Хоҷасартез, шўробаи онҳо ва ғайраҳо мусоидат менамоянд. Чашмаҳои маъданӣ ва пармачашмачоҳҳои Сурхоб, Танобчӣ, Пўшион, лойқаҳои шифобахши канори дарёи Чўбак, Танобчию Пўшион ва ғайра баҳри табобати беморон таъсири судманд расонида метавонанд.

Осоишгоҳҳои «Тосқалъа», «Чилдухтарон», «Шифо» ва «Мўъминобод» чӣ аз ҷиҳати фарогирии шумораи ҳоҷатмандон ва чӣ аз ҷиҳати шароити табобат, хизматрасонӣ, ҳатто талаботи музофоти Кўлобро ба пуррагӣ қонеъ карда наметавонанд. Доир ба қонеъгардонии талабот дар ҳудуди вилояти Хатлон, ҷумҳурӣ ва хориҷи кишвар ҳоҷати суханронӣ нест. Агар ин осоишгоҳҳо талаботи сокинони музофоти Кўлобро қонеъ карда метавонистанд, он гоҳ зарурияти ба осоишгоҳҳои шимоли Тоҷикистон («Истаравшан», «Ғулакандоз», «Зумрад», «Баҳористон») рафтани ҳоҷатмандон, зарурият намешуд. Аз ин лиҳоз, зарурияте пеш омадааст, ки дар заминаи чашмаҳои маъдании боло номбар шуда ва кўлҳои лойқаашон шифобахши Танобчии Шарқию Ғарбӣ, Пўшион, Афғонделӣ, Чўбаки Шарқию Шимолӣ, кўли Сиру Ғўзачоқ ва ғорҳои гумбазҳои намаки Хоҷамўъмину Хоҷасартез, обанборҳои Мўъминободу Селбур дар алоҳидагӣ се комплекси серсоҳаи табобатию истироҳатӣ созмон дода шавад **[1].**

Шароити иқлимии музофоти Кўлоб имконият медиҳад, ки ин осоишгоҳҳои болозикр, ҳангоми фароҳам овардани шароити мўътадили мутобиқи замон, метавонанд дар тамоми фаслҳои сол, бе мамоният ва босамар фаъолият намоянд ва ба буҷаи музофот, вилоят ва ҷумҳуриямон даромади калон диҳанд. Бо назардошти боло рафтани талабот ба табобату осоиш лозим меояд, ки ҳар яке аз ин осоишгоҳ дар як вақт 250-300 нафар ҳоҷатмандонро ба табобат қабул намояд. Он гоҳ дар ҳолати дар як моҳ 250 нафарро ба осоишу табобат фаро гирифтан, тўли 12 моҳ метавонанд 3000 нафарӣ мизоҷонро ба табобату осоиш қабул намоянд. Пас, ин се комплекс метавонанд дар якҷоягӣ тўли сол беш аз 9-10 ҳазор ҳоҷатмандонро ба табобату фароғат фаро гиранд. Дар ҳолати дар ҳар 15 рўз як гурўҳи ҳоҷатмандонро қабул намудан, ин рақам ба 27 – 30 ҳазор нафар мерасад.

Ин рақамҳо барои музофоти Кўлоб кам нестанд. Дар ҳолати шароити хуб фароҳам овардани табобату фароғат, натанҳо талаботи музофоту вилояти Хатлон, балки берун аз онро ҳам қонеъ гардонидан мумкин аст. Аз ин нишондод бармеояд, ки ҳангоми афзудани муассисаҳои тиббию табобатӣ ва осоишию фароғатӣ қабулу табобати ҳоҷатмандон хеле афзоиш меёбад, ки ин ба нафъи ҳам табобагирандагону ҳам фароғаткунандагон буда, дар навбати худ ба буҷҷаи мамлакат даромади калон ворид мегардад. Пас, вазъи иқтисодию иҷтимоии ҳам мамлакат ва ҳам шахсони инфиродӣ боло меравад, одамони сершумор дар ин раванд ба ҷои кор фарогир мешаванд.

Дар ибтидо лозим меояд, ки аз ҳисоби буҷаи давлатӣ, суғуртаи иҷтимоӣ, қарзи бонкӣ, маблағгузорони хориҷӣ, шахсони саховатпеша ва дигар манбаъҳо истифода бурда шавад. Дар ҳолати ба фаъолият даромадани осоишгоҳу фароғатгоҳҳо, на танҳо хароҷотҳои ба амал омадаро ба осонӣ пӯшонида мешаванд, балки фоидаи иловагӣ низ ба даст меояд.

Табиати беназири музофоти Кӯлоб натанҳо баҳри табобату истироҳат, балки баҳри сайёҳат захираю имкониятҳои васеъи истифоданашуда дошта, дар ин самт натанҳо диққати сайёҳони дохилӣ, балки сайёҳони хориҷиро ба худ кашида метавонад. Мумайизони (экспертҳои) ин соҳа шароиту имкониятҳои сайёҳии ҷумҳуриро таҳлилу таҳқиқ намуда, ба хулосаи асоснок омадаанд, ки дар ҳолати ба рушди ин масъала диққати бештар зоҳир намудан, имконияте пайдо мегардад, ки пас аз 10-15 сол ин соҳа метавонад 25% даромади буҷаи мамлакатро таъмин намояд.

Воқеъан чунин имконият ҷиҳати рушди сайёҳӣ нисбат ба дигар музофотҳо дар музофоти Кӯлоб фарогиртар буда, бартарии бештаре дорад. Дар ин бобат номбар кардани мамнӯъгоҳи «Даштиҷум», парваришгоҳҳои «Чилдухтарон», «Даштиҷум», «Қаратов», «Норак», боғи табиии «Сарихосор», гумбазҳои намаки Хоҷамӯъмину Хоҷасартез, бошишгоҳи Кулдараи ноҳияи Ховалинг, ки 1, 5 млн. сол қабл аз ин одамон зиндагӣ кардаанд, бошишгоҳи Гули Зиндони назди деҳаи Пӯшинги Данғара, ки дар он одамон 60-40 ҳазор сол пеш аз милод зиндагӣ кардаанд, дар дараи Шӯри Булиёни Поёни ноҳияи Данғара одамони қадим ба чорводорӣ, шикори ҳайвонот ва ҷамъоварии меваҳои табиӣ машғул мешуданд, қобили қайд аст.

Боздиди чунин ҷойҳо барои сайёҳон хеле мароқоваранд. Дар парваришгоҳҳо имконияти васеъи ба роҳ мондани экотуризм, дар деҳаҳо этнотуризм, дар ғорҳо спелеотуризм (барои дар ғорҳои гумбази Хоҷамуъмину Хоҷасартез ташкил намудани сайёҳат мебояд онҳоро муҷаҳҳаз ва чароғон намуд, то ин ки бехатарии сайёҳон таъмин гардад) ба мақсад мувофиқ аст. Мутаассифона, дар шароити воқеияти имрӯза, яъне иқтисодиёти марҳалаи гузариш аз иқтисодиёти нақшавӣ ба иқтисодиёти бозаргонӣ бартарии сайёҳӣ дар байни дигар соҳаҳои хоҷагӣ тарғибу ташвиқ карда шавад ҳам, пешравии ҷиддӣ дида намешавад.

Шояд нисбати бартарии ин соҳа дар байни соҳаҳои дигари хоҷагӣ шубҳаю нобоварӣ ҷой дошта бошад. Ба ҳар навъе, ки набошад бояд дар баробари рушди саноат, кишоварзӣ, нақлиёт ва ғайра ба рушди рекреатсия ва сайёҳӣ, алалхусус сайёҳии хориҷӣ диққати калон додан лозим меояд. Ногуфта намонад, ки дар ин ҷода дар ш.Душанбе ва марказҳои вилоятии ватанамон меҳмонхонаҳои баландмақом баҳри қабули меҳмонҳои хориҷӣ сохта шудаанд ва ин тадбирҳо идома дорад. Вақти он расидааст, ки чунин меҳмонхонаҳои бошукӯҳ, вале андозаашон хурдтар дар маҳалҳои сайёҳатбобу рекреатсионӣ ба нақша гирифта шуда, ба сохтмони онҳо аз ҳоло машғул шудан лозим меояд. То соли 2014 дар Тоҷикистон 106 меҳмонхона аз ҷумла дар ВМК Бадахшон-24, вилояти Суғд-27, вилояти Хатлон-35, дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ-8 ва дар шаҳри Душанбе-12 амал мекарданд.

Саволи пеш меояд, ки барои рушди бемайлони рекреатсия ва сайёҳии дохилию хориҷӣ, созмони инфрасохтор дар ин соҳаҳо кадом мушкилотҳо ҷой доранд ва онҳоро чи тавр бартараф кардан мумкин аст? Бино ба андешаи ширкатҳои бонуфузи сайёҳии мавҷудаи Тоҷикистон он омилҳое, ки садди роҳи сайёҳӣ (рекреатсия) мешаванд аз инҳо иборат мебошанд:

- паст будани хизмати нақлиёту хизматрасонӣ дар соҳаи табобату истироҳат ва сайёҳӣ;
- мушкилоти ҳуҷҷатгузории ташрифи сайёҳони хориҷӣ ба мамлакат;
- баланд будани андоз барои ташкилотҳои сайёҳӣ;
- нокифоя ва ба талаботи кунуни ҷавобгӯй набудани меҳмонхонаҳо, меҳмондорӣ ва умуман раванди хизматрасонӣ;
- нарасидани мутахассисони баландпоя, аз ҷумлаи идоракунандагон, хизматрасониҳо ва пешхизматони малакаи кофии меҳмондоридошта, донистани забонҳои хориҷӣ дар инфрасохторҳо [2, с. 236].

Хотирнишон кардан ҷоиз аст, ки сайёҳони хориҷӣ барои он ки ба мамлакати мо оянд, баҳри тайёр намудани ҳуҷҷатҳои даркорӣ вақти зиёд сарф мекунанд, аз зинаҳои гуногуни вазорату идораҳои зиёд мегузаранд. Ҳамаи ин ташвишҳо боиси он мегардад, ки ба мамлакати мо сайёҳони хориҷӣ камтар ворид мешаванд, аз ин хотир буҷҷаи давлатӣ аз ҳисоби асъори (валютаи) хориҷӣ ғанӣ нагардад. Дар мамлакатҳои Европаи Ғарбӣ барои аз сарҳади як давлат ба давлати дигар убур карда гузаштан нишон додани шиноснома ва ё дигар ҳуҷҷате, ки шахсияти одамонро муайян мекунад кифоя мебошад. Сайёҳон барои рӯзи истироҳатиашонро бо фароғат гузаронидан метавонанд пагоҳӣ ба як мамлакати ҳамсоя гузаранд ва бегоҳии рӯз боз ба ватани хеш баргашта оянд. Дар ин амал ягон мушкилоти ҷиддӣ пеш намеояд.

То солҳои наздик (с. 2013) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамагӣ 32 ширкатҳои сайёҳӣ ба қайд гирифта шуда буд ва ҳамагӣ як меҳмонхонаи «Интуристи Тоҷикистон» мавҷуд буд. Ширкатҳои сайёҳӣ дар маҳалҳо меҳмонхонаҳои хуб ҷиҳозонидашуда, воситаҳои хуби нақлиёт, роҳбаладони забонҳои хориҷиро медониста, нисбати табиату боигариҳои табиат дониши хуб дошта, донандагони хуби таърихи тамаддуни кишвар, урфу одат ва расму оинҳои музофотҳои алоҳида басо каманд, на ҳамаашон қобилияти хуби ба осонӣ ва саҳеҳ муаррифӣ намудани табиату боигариҳои табиӣ, ёдгориҳои таърихию меъмориро доранд, ҳол он ки маҳз ин масъалаҳо бештар диққати сайёҳонро ба худ ҷалб менамоянд.

Бояд гуфт, ки ҳоло дар чандин макотиби олии мамлакат кафедра ва ё шуъбаҳои рекреатсионию сайёҳӣ фаъолият менамоянд, онҳо мутахассисҳои соҳавӣ тайёр мекунанд, вале сифати донишу малакаҳои амалиашон дар ин соҳа қаноатбахш нестанд. Агар дар Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба амалияи сайёҳӣ диққат диҳанд, дар Донишгоҳҳои омӯзгорӣ ба масъалаҳои назариявии рекреатсияву сайёҳӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир менамоянд, дар Донишоҳи миллии Тоҷикистон бошад ба масъалаҳои иқтисодии ин соҳа диққат медиҳанд, пас донишҷӯён дар мактабҳои олии алоҳидаи мамлакат дониши яктарафаю номукаммал мегиранд, ки ба талаботи рӯз ҷавобгӯй нестанд. Аз ин хотир барои беҳбудӣ бахшидан дар ин самти афзалиятнок зарурияте пеш омадааст, ки дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҷои кафедраю шуъбаҳои сершумори мактабҳои олии мамлакат факултаи география ва рекреатсия созмон дода шавад, зеро асоси донишҳои рекреатсионӣ ва сайёҳиро илми география ташкил медиҳад. Хатмкунандагони ин факулта метавонанд дар оянда ба таҳқиқи васеъ, омӯзиш ва муаррифгари ҳақиқии мавзеъҳои рекреатсионӣ ва сайёҳии Тоҷикистони зебоманзарамон гарданд. Айни ҳол байни кафедраҳои рекреатсия ва туризми мактабҳои олии мамлакат ҳамкорӣ ва ҳамолоишии таҷриба нестанд, шогирдон ба сайёҳии амалӣ машғул намешаванд.

Дигар ин ки роҳбаладони сайёҳӣ бояд аз топонимика ва микротопонимҳои маҳаллӣ боздидшаванда огоҳии хуб дошта бошанд, то ин ки маънои номҳои географии дар атроф бударо шарҳ дода тавонанд. Мутаассифона таълифотҳо доир ба топонимика басо каманд ва талаботи имрӯзаро ба хубӣ қонеъ карда наметавонанд. Хуб мешуд бо ҷалби мутахассисони варзидаи соҳаи топонимика сайрхатҳо тартиб дода, доир ба топонимҳои канори роҳҳо луғати мухтасари эзоҳӣ тартиб дода мешуд, то ин ки роҳбаладон аз он истифода мебурданд. Бисёре аз номҳои географии кишвар аз забонҳои авестоӣ, тохарӣ, суғдӣ, бохтарӣ, туркӣ баромадаанд ва маънои луғавии онҳоро шарҳ додан кори осон нест, вале шарҳи онҳо барои сайёҳон ҷолиб, зарур ва ҳатмист. Аз ин хотир зарурияте пеш омадааст, ки дар мактабҳои олии мамлакат таълими фанни **«Топонимика»** ба роҳ монда шавад [3, с. 65].

Таҷрибаи мамолики хориҷӣ ва дар навбати аввал Швейтсария, Франсия, Италия, Туркия ва бисёр дигар мамлакатҳо собит намуданд, ки сайёҳӣ ба рушди иқтисод саҳми хуб гузошта метавонад. Ва боз ҳаминро хотирнишон менамоем, ки даромади асосии давлатҳои хурди Европаи Ғарбӣ аз ҳисоби сайёҳӣ сурат мегирад **[4, с. 101-107]**, ба монанди **Лихтенштейн, Сан-Марино** (ҳар сол 3 млн. нафар одамон ин кишварро дидан мекунанд), **Ватикан** (ҳар сол аз ҳисоби сайёҳон ва зиёраткунандагон 60 млн.долл. ИМА даромад мегирад), **Монако** (аз чор як қисми даромади мамлакатро

сайёҳӣ медиҳад), **Андора** (ҳар сол ба ин давлат 12 млн. нафар одамон сафар мекунанд), **Гибралтар** (асоси даромад сайёҳӣ мебошад).

Ҷумҳурии Туркия ба рушди сайёҳӣ диққати ҳамаҷониба медиҳад, ин соҳаро дастгирӣ мекунад ва ҳавасманд мегардонад, доир ба андоз имтиёз муқаррар кардааст, қарзҳои бефоиз медиҳад, то ин ки иншоотҳои куҳнаи сайёҳӣ таъмиру барқарор ва биноҳои нав сохта шаванд, кори нақлиёту коммуникатсионӣ дар ҳолати хуб қарор дошта бошад, инфрасохтор бе мамоният фаъолият намояд. Ҳамин тариқа ба соҳаи сайёҳӣ маблағи калон сарф менамояд ва дар ниҳояти кор даромади хеле зиёд (ҳангуфт) ба даст меоварад. Масалан, соли 2003 ба Туркия беш аз 16 млн. нафар сайёҳони хориҷӣ ворид шуда, ба ин мамлакат 8, 5 млрд. доллари ИМА даромади холис оварда буд **[**5**].**

Чунин шароиту имкониятҳои даромад дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва музофотҳои алоҳидаи он аз қабили музофоти Кӯлоб беҳад фаровонанд, вале барои рушди он заминаҳои боэътимоди созандагӣ, моддӣ, ташкилӣ ва дар маҷмӯъ инфрасохтори мустаҳкам фароҳам овардан басо муҳим мебошад, ки бе он селаи сершумори сайёҳони нозуку баландтабъи хориҷиро қабул кардан, талаботи онҳоро ҳамаҷониба қонеъ гардонидан, амри муҳол аст. Меҳмонхонаҳо бояд ҳузуру ҳаловати сайёҳони хориҷиро ба хубӣ қонеъ гардонида тавонанд, тарабхонаҳо, маҷмааҳои вақтхушӣ, хизматрасонӣ бояд ба талаботи меъёрии мамолики рушдёфтаи хориҷӣ баланд бошад, мутахассисони баланддараҷаи сайёҳӣ, донандагони забонҳои хориҷӣ тайёр карда шаванд. Сиёсати андозбандӣ диди нав ва такмил мехоҳад, ба ширкатҳои пешрафтаи сайёҳӣ дар андозгузориҳо гузашт кардан лозим аст, то ин ки диққати дигар ширкатҳоро баҳри ҷалби сайёҳони хориҷӣ хубтар ба роҳ монад.

Дар мамлакати мо бошад, ибтидо чунин ташкилоту ширкатҳои пешрафтаро тавассути васоити ахбори умум таърифу тавсиф менамоянду сипас ба ҷои гузашткунӣ ташкилотҳои назораткунанда ҳаргуна сарбориҳои иловагиро бор карда, онҳоро ба муфлисшавӣ меоваранд ва ниҳоят ба ҷазоҳои гуногун мекашанд.

Масъалаи дигар аз он иборат аст, ки барнома, сайрхатҳои сайёҳӣ, харитаҳои сайёҳии мушкилоташон гуногун тартиб дода шаванд, то ин ки сайёҳон мувофиқи хоҳишу имконият ва талаботи худ ҷойҳои даркориро интихоб намоянд. Онҳо (сайрхатҳо) то ҳадди имкон ҷолибу шавқовар ва ба талаботи ботинии сайёҳон аз ҷиҳати маърифат, эстетика, илм, фолклору этнография ва манзара ҷавобгӯй бошанд.

Барои диққати сайёҳони дохилӣ ва хориҷиро ба мамлакат ва музофотҳои алоҳидаи он ҷалб намудан, корҳои ташвиқотию тарғиботиро (рекламаро) ба воситаи васоити ахбори умум равнақ дода, маълумотномаҳо (буклетҳо)-еро тартиб додан лозим аст, ки манзараҳои табиат, осорҳои таърихӣ ва замонавиро хуб инъикос карда бошанд ва бо сифати дилкаш, орову торои зебо (дизайни мароқзоҳиркунанда) ба фурӯш бароварда шаванд. Ҳоло мо дар ибтидои чунин роҳ истодаем ва умед бар он дорем, ки зина ба зина ба он муваффақ мешаваем, баҳри бартараф намудани камбудию норасоиҳо захираҳои моддӣ ва маънавии заруриро истифода мебарем ва ба дастовардҳои ҷолиб муваффақ мешавем.

Бояд донист, ки сайёҳони хориҷӣ ин одамони сарватманд, ки нозук, ҳавобаланд, ботакаббур буда, хоҳиши хуб истироҳат карданро доранд, таассуроти хуб бардоранд, қаноатбахшии том пайдо кунанд. Онҳо барои ноил шудан ба ин матлаб чизеро дареғ намедоранд, ғайр аз арзиши роҳхат (путёвка) боз садҳо доллари ИМА-ро барои харидани ҳаргуна туҳфа, армуғон, савғотӣ ва дигар ашёҳои ҷолиби диққат сарф мекунанд. Барои ҳамин ҳам, дар маркази ширкатҳои сайёҳӣ, нуқтаҳои ҷолиби сайёҳӣ созмон додани мағозаҳои тӯҳфаю савғофурӯшӣ бо тамғаи устохона, куртаҳои чакан, тавоқу чумчаҳо (қошуқ)-ҳои чӯбин, дастмонаю гӯшвора ва ғайра муҷаҳҳазгардида мувофиқи мақсад аст.

Барои дуруст ба роҳ мондани хизмати сайёҳӣ бояд роҳҳои рафтуомад ҳамвору мумфарш шуда бошанд, дар канори сайрхатҳои сайёҳӣ ҳарҷо–ҳарҷо нуқтаҳои фуруши сӯзишворӣ барои автомобилҳо, устохонаҳои таъмиру тармим ва таъмини техникӣ, чойхонаҳою қаҳвахонаҳо, ошхонаю тарабхонаҳо сохта шуда бошанд, то ин

ки мусофирон ҳангоми зарурат аз онҳо бемайлон истифода бурда тавонанд. Айни замон дар канори сайрхатҳои сайёҳӣ чунин ҷойҳо ниҳоят каманд ва агар бошанд ҳам ба талаботҳои санитарию гигиенӣ ҷавоб намедиҳанд, сифати хӯрокҳо қаноатбахш нестанд, маданияти пешхизматҳо ба тариқи бояду шояд набуда, онҳо забонҳои хориҷиро намедонанд. Бояд ба чунин камбудиҳо ҳар чи зудтар хотима дод.

Дар музофоти Кӯлоб на ҳама роҳҳо мумфарш мебошанд. Гарчи бо дастгирию ҳидоятҳои Президенти кишвар, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон аз ш. Душанбе то ба ш. Кӯлоб шоҳроҳи автомобилгарди мумфарш бо ду нақбҳои замонави Шар-шару Чормағзак сохта шуда бошад ҳам, роҳҳои байни ноҳияҳо, байни деҳаҳо, нафақат мумфарш нестанд, балки баъзан дар ҳолати ноҳамвор ва садамавӣ қарор доранд.

Дар байни ноҳияҳои музофоти Кӯлоб, ноҳияҳои Балҷувон, Мӯъминобод, Ховалинг, Шӯрообод ва мавзеъҳои хоси ҳифзшаванда, (мамнӯъгоҳу парваришгоҳҳо), объектҳои сайёҳӣ ҷойгир шудаанд, ки аз ҷиҳати шакл ва мундариҷаашон хеле диққатҷалбкунанда мебошанд ва ҷиҳати рушди рекреатсия ва сайёҳӣ дурнамои хуб доранд ва бо таъиноти зерин хизматрасонияшон мувофиқи мақсад аст:

- сайёҳии экологӣ дар мавзеъҳои Ховалинг, Даштиҷум, Сарихосор ва ғайра;
- фароғату обтабобатӣ дар заминаи чашмаҳои Сурхоб, Танобчӣ, Чубак, ва ғайра;
- сайёҳӣ ба ёдгориҳои таърихӣ, меъморӣ, зиёратгоҳҳо аз қабили шаҳракҳои Мунк, Тамлиёт, Чолтов, Сайёд, Ҳулбук; Кӯлоб, Мӯъминобод ва монади инҳо; масҷиди Шоҳи Хомӯш; зиёратгоҳи Мирсайид Алии Ҳамадонӣ, мақбараҳо - Домулло Икром, Мавлоно Обиддин, Мавлоно Тоҷиддин, Сайид Алии Ҳамадонӣ, Хоҷа Исҳоқи Хатлонӣ, Шоҳ Неъматуллоҳи Зарробӣ, Шоҳи Хомӯш, Хоҷаи Нур, Шаҳид ва монанди инҳо; мазоргоҳҳои Хоҷа Мӯъмин, Хоҷа Сартез, Шайх Муҳаммадамони Валӣ, Шақиқи Балхӣ ва ғайра дигарҳо мавҷуд мебошанд. Истифодаи сайёҳии ин объектҳо бояд ҳарчи бештар бароҳ монда шаванд, то ин ки сайёҳон ба таъриху тамаддуни мамлакати мо амиқ шинос шаванд. Мавҷудияти осори таърихӣ ва ташкили сайёҳат ба чунин ҷойҳо аҳамияти калони тарбиявӣ низ доранд. Арҷгузорӣ ба гузашта, ҳисси меҳанпарастӣ, табиатошноӣ ва поси хотир доштани бузургони аҳли илму маърифатро дар дили ҷавонон мепарварад.

Чуноне ки мебинем, дар музофоти Кӯлоб шаҳру шаҳракҳои қадима, масҷидҳо, зиёратгоҳҳо, мақбараҳо, мазорҳо хеле зиёданд ва шахсони баҳри сайёҳату зиёратомада, на танҳо аз дохили худи музофот, балки аз музофотҳои дигар ва ҳатто хориҷи кишвар низ ниҳоят бисёранд. Аз ин хотир, ширкати сайёҳии Кӯлоб ва ғайра метавонанд дар рӯзҳои мувофиқ зиёраткунандагонро даъват намуда, хизмати хуби онҳоро таъмин намоянд.

Зарур мешуморем, ки барои сайёҳони хоҳ дохилӣ ва хоҳ бурунмарзӣ ҳангоми ба ҷойи таъиншуда омада расидан, шароитҳои мусоиди маишию фароғатӣ фароҳам оварда шавад, хизматрасонӣ бояд дар сатҳи баланд қарор дошта бошад. Бояд дар назди кӯлҳо, обанборҳо, обҳои маъдании баландҳарорат, лойқаҳои шифобахш, кемпингҳо (лагерҳои махсус барои автотуристҳо), шаҳракҳои хаймагӣ созмон ёбанд, бо асбобу анҷомҳои муҳандисӣ таъмин бошанд, то ин ки ҳангоми рух додани ҳодисаҳои нохуши табиӣ (сел, тарма, ярч, боронҳои селофар) дар кӯҳсор бехатарии сайёҳон ба хубӣ таъмин гарданд.

Бояд гуфт, ки як қатор ёдгориҳои таърихӣ аз қабили шаҳракҳо, қалъаҳо, мақбараю зиёратгоҳҳо дар ҳолати харобию вайроншавӣ қарор доранд ва мебояд онҳоро дарояндаи наздик таъмиру барқарор кард. Дар ин кори хайр бояд муҳандисони дараҷаи баландихтисосро истифода бурд, то ин ки ин ёдгориҳо ҳар чи беҳтар нусхаи аслро гиранд ва завқи баланди эстетикӣ пайдо намоянд. Дуруст таъмир шудани чунин ҷойҳо ва хизматгузории дараҷаи баланд яке аз воситаҳои муҳим ва асосии тарғибу ташвиқи меҳмонҳо ва пеш аз ҳама сайёҳони хориҷӣ маҳсуб меёбанд. Аз ин рӯ, ҷалби бештари сайёҳон ба кишвари мо аз қадамҳои аввалину устувори мо ҷиҳати таъмини муҳити зарурии рекреатсионию туристӣ ва дуруст ба роҳ мондани

унсурҳои миллии зеҳнӣ, меҳмоннавозӣ, хизматрасонӣ ва ғайра вобастагии амиқ дорад.

**Адабиёт**

1. Аброров Ҳ., Самиев А., Ризоева О. Кӯлҳои шифобахши Тоҷикистон. –Душанбе, 2014. -131 с.
2. Мухаббатов Х.М., Хоналиев Н.Х. Памир: ресурсный потенциал и перспективы развития экономики. –Душанбе, 2005. -243 с.
3. Аброров Ҳ. Тадрису таълими «Топонимика» талаби замони истиқлол // Маҷаллаи «Масъалаҳо маориф». -2013. -№5. –С.60-65.
4. Ҷӯраев А.Ҷ., Шарифов З.Р., Аброров Ҳ.А. Географияи иқтисодӣ ва иҷтимоии мамлакатҳои хориҷӣ (Қисми 2). –Душанбе, 2012. -384 с.
5. Станит ли туризм локомотивом нашей экономике? / Газетаи «Бизнес и политика» аз 24 июни соли 2004.

**АБРОРОВ Ҳ., АҲМАДОВ А.Ш.**

## ОСНОВЫ И ПЕРСПЕКТИВЫ РАЗВИТИЯ РЕКРЕАЦИОННЫХ УСЛУГ И ТУРИЗМА В КУЛЯБСКОМ РЕГИОНЕ

В статье рассматриваются природно-климатические условия, заповедники, заказники, историко- культурное наследие, как историческая и природная основа для формирования и развития отраслей рекреации и туризма в Кулябском регионе. Определена недостаточность функционирования этих отраслей, не отвечающих современным требованиям рыночной экономики, и показаны пути их развития в будущем.

**Ключевые слова:** рекреатсия, туризм, минеральные лечебные воды, грязолечение, заповедники, заказники, природные и исторические памятники, инфраструктура, санатория.

**ABROROV H., AHMADOV A.Sh.**

## FOUNDATION AND PROSPECTS OF THE DEVELOPMENT OF RECREATION AND TOURISM IN KULYOB REGION

In the article analyzes the sustainability of natural and historical, including favorable climatic conditions, reserves and wildlife sanctuaries, rich historical and cultural heritage and other bases of formation and development of recreation and tourism industries in Kulyab region. Lack of functioning of these industries that do not meet modern requirements of the market economy and the ways and possibilities of their development is determined.

**Key words:** recreation, tourism, mineral medicinal waters, mud, reserves, natural and historical monuments, infrastructure, health resort.